Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзӯи «Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзӯи «Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аз муқаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Тағйироти нав ба нав дар ҷаҳони муосир сабаб шудааст, бисёре аз масоили сиёсию иҷтимоӣ аз ҷумла худшиносии миллӣ ва ҳувияти ҷавонон низ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дигаргуниҳо ва хатарҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ шаванд. Дар чунин шароите барои ҳар як давлат зарур аст ҷиҳати ислоҳи раванди мазкур ва дур нигоҳ доштани ҷомеаи худ аз бӯҳронҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ҳадиақал катар осеб дидани ҷавонони он ҷомеа, дар пайи чора ва роҳи ҳалле бошад. Давлати тавоно ва пойдор бидуни ҳалли масъалаи мазкур наметавонад ваҳдати миллӣ, ҳисси дарки ҷомеаи миллӣ, манфиатҳо ва арзишҳои муштараки миллии худро муҳофизат намояд. Диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзӯи «Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ» паҳлуҳои мухталифи ин масъаларо мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Ба назари диссертант Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари ҷавонон ҳамчун қишри камтаҷрибаи ҷомеа заминаи ҷалб шудан ба гурӯҳҳои ифротгарои диниро доранд. Дар аксар вақт ҷавонон оид ба сарчашмаҳои идеологӣ, оқибатҳои мудҳиш ва манфии ҳаракатҳои ифротӣ тасаввурот надоранд ва зери таъсири шиорҳои фиребанда, инчунин ҳилаю найранги ин

гурӯҳҳо қарор мегиранд. Омили дигаре, ки боиси шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мегардад, ин истифодаи васеи сомонаҳои интернетӣ мебошад. Созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ аз ин усул бо паҳн кардани сабтҳои видеой ва наворҳои таблиғотӣ ба психологияи ҷавонон таъсир расонида, тарафдорони худро зиёд намуда, фардои бехтарро ба мухатабони худ ваъда дода ва даҳҳо нафар одамони гумроҳро ба оқбитаҳои шум ва бадбахтӣ мекашонанд.

Инчунин аз назари муаллиф, таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон метавонад барои пешгирӣ аз шомилшавии онон ба гурӯҳҳои ифротгаро кумак намояд, ки ба ҳамин хотир зарур аст, ки роҳу усули таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон омухта шавад. Ҳамчунин дар ҳамин росто зарур, ки мафҳуми ҳувияти миллӣ, механизмҳо, замина ва омилҳои ташаккули он ба таври саҳеҳ ва воқеъбинона дарк карда шавад то ба мақсади мазкур даст ёфт.

Мазмуну муҳтавои кори илмӣ дар сохтор ва тавсифи умумии он инъикос пайдо кардааст, ки аз мавридҳои зерин иборат мебошанд:

- **Боби аввал: Асосҳои назариявӣ ва методологии омузиши ҳувияти миллӣ.**
  - ✓ *Зербоби якуми боби аввал: Масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши ҳувияти миллӣ дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ.*
  - ✓ *Зербоби дуюми боби аввал: Ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ: замина ва омилҳои ташаккули он.*
- **Боби дуюм. Таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷик дар шароити дигаргуншавии ҷомеа: самтҳо ва усулҳои муосир.**
  - ✓ *Зербрби якуми боби дуюм: Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун омили калидии ташаккули ҳувияти миллии насли наврасу ҷавони Тоҷик.*
  - ✓ *Зербрби дуюми боби дуюм: Нақши истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони кишвар.*
  - ✓ *Зербрби сеюми боби дуюм: Таҳкими ҳувияти миллӣ ҳамчун воситаи муҳимми ҳифзи ҷавонони Тоҷик аз таъсири идеологияи экстремизми динӣ.*

Объекту предмет, мақсаду вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ба таври возеҳу муайян нишон дода шудаанд.

Дар хулоса муҳаққиқ зимни баррасии натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳоеро ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳо зикр кардааст.

Албатта дар баробари муваффақиятҳои мавҷудбуда дар раванди кори илмӣ, баъзе масъалаҳо аз назари диссертант берун мондаанд, ки таваҷҷуҳи бештар ба онҳо метавонист кори илмиро пурбортар ва амиқтар намоянд.

Масалан:

- Дар диссертатсия таҳлили адабиёти бевосита ба мавзӯи мазкур бахшидашуда камтар таҳлил шудаанд, ки беҳтар мебуд онҳо зиёдтар мавриди таҳили илмӣ воқеъ мешуданд.
- Баъзе хатогиҳо ва норасоиҳои илмию техникӣ низ дар кори мазкур мушоҳида мешуданд, ки масалан аз ҷумла метавон ба сатри дуюми муқаддима ишора намуд.
- Инчунин дар сохтори илмию мантиқии диссертатсия агар як бознигарӣ ва ислоҳи навтар анҷом гирад, сохтори илмию мантиқӣ ва методологии таҳқиқотии кори мазкур беҳтар хоҳад шуд.

Лозим ба зикр аст, ки эродҳои мазкур андаке ҳам арзиши илмию амалии диссертатсияро халалдор нанамуда, кори илмии унвонҷу Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзӯи «Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ» пурра ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб гуфта метавонад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Доктор (PhD)-и илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Саъдулоев Абдулвосит**

**Имзои Саъдулоев Абдулвоситро тасдиқ менамоям.**

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гафоров Ф.З**

**Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кучаи Саид Носир 33, Тел: 224 89 45.**